# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 18 феврали соли 2023, таҳти №19 дар бораи сазовор донистани Мирзоев Қобилҷон Холмуродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Мирзоев Қобилҷон Холмуродовичро дар мавзуи «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 26.11.2022 сол, суратҷаласаи №10 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, унвонҷӯ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович 3-юми майи соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси умумӣ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2017 хатм кардааст.

Аз соли 2019 то ба ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 2018 то 2021 унвонҷуи кафедраи мазкур мебошад.

Мавзуи диссертатсия – «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26.04.2018, таҳти №06 (17-18) тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 21 сентябри соли 2022, таҳти №101 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 «хуб», 20.12.2019 с.
2. Таърих ва фалсафаи илм – 5 «аъло», 09.12.2020 с.
3. Ихтисос – 12.00.08. – 5 «аъло», 15.09.2022 с.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи

кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз санаи 29.09.2022) ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, аз 15-уми октябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Қурбонзода Беҳрӯз Шариф** – ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон», ки аз ҷониби ташхисгар дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Алиев Ф.Ш. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 16.01.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби

таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Мирзоев Қ.Х., Миралиев Э.Б. Баъзе аз масъалаҳои таснифи ҷиноятҳо ба муқобили моликият [Матн] / Қ.Х. Мирзоев, Э.Б. Миралиев // Қонунгузорӣ. – 2019. – №1 (33). С. 117–122; ISSN 2410-2903.

**[2–М].** Мирзоев Қ.Х., Шарипов Т.Ш. Масоили бандубасти ҷинояти ғоратгарӣ. [Матн] / Қ.Х. Мирзоев, Т.Ш. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2020. – №7. – С. 275-278; ISSN 2413-5151.

**[3–М].** Мирзоев Қ.Х. Масоили пайдоиши ҷинояти ғоратгарӣ дар қонунгузории Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2022. – №8. – С. 324–330; ISSN 2413-5151.

**[4–М].** Мирзоев Қ.Х. Тарафи объективии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). - С. 197–208; ISSN 2414-9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5–М].** Мирзоев Қ.Х. Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии ғоратгарӣ. [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – С. 382–387.

**[6–М].** Мирзоев Қ.Х. Ғоратгарӣ ҳамчун як шакли тасарруф [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: бахшида ба 20–солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва «Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – С. 164–168.

**[7–М].** Мирзоев Қ.Х. Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти ғоратгарии молу мулки ғайр [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 592–595.

**[8–М].** Мирзоев Қ.Х. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019–2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 172–173.

**[9–М].** Мирзоев Қ.Х. Мафҳум ва моҳияти ҷиноятӣ ғоратгари тибқи қонунгузории ҶТ [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амали бахшида ба таҷлили рузи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 376–382.

**[10–М].** Мирзоев Қ.Х. Масоили муайян намудани объекти ҷиноятӣ ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалӣ дар мавзуи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – С. 50–52.

**[11–М].** Мирзоев Қ.Х. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Белорус [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500 солаги Саразми бостони», «700–солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолагии омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – С. 276–277.

**[12–М].** Мирзоев Қ.Х. Фарқи ҷинояти ғоратгарӣаз дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият [Матн] / Қ.Х. Мирзоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илми–амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои муосири мубориза бо

коррупсия дар Тоҷикистон». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – С. 61–68.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Буризода Э.Б. –** мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддини АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Нарзуллозода С.С.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия

**Маҳмадшозода Ф.А.** – муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, мафҳуми назариявии ғоратгарӣ, таърихи ташаккули ғоратгарӣ то замони шуравӣ, масъалаи бандубасти ҷинояти мазкур аз таркибҳои ҳаммонанд, ва дигар камбудиҳоро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– омӯзиши батанзимдарории ҳуқуқии ҷиноятии ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихии ҶТ;

– гузаронидани таҳлили тасарруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти ғоратгарӣ;

– баррасии аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ;

– тахлили сабабҳои содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ-иҷтимоии онҳо;

– коркард ва пешниҳоди чораҳои умумӣ, иҷтимоӣ ва махсуси пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ;

– омӯзиши ташкил ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид муқовимат ба ҷинояти ғоратгарӣ;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ методологияи он ба принсипҳои усули диалектикии маърифат асос ёфтааст. Дар рафти таҳқиқот методҳои махсуси илмӣ вобаста ба омӯзиши таҷрибаи таърихии батанзимдарории ғоратгарӣ; расмӣ-мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои дар қонун нишондодашудаи таркиби ғоратгарӣ ифода гардидаанд; муқоисавию ҳуқуқӣ, ки дар таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи батанзимдарории ғоратгарӣ ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он истифода шудаанд; методи ҳуҷҷатнигорӣ-интихоб кардан ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба бандубасти ғоратгарӣ; методи оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар бораи содиршавии ғоратгарӣ иборат мебошад, истифода шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳо ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин бахри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву

пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи муносибаҳои моликиятӣ ҳангоми татбиқи м. 248 КҶ ҶТ дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, таҳқиқоти мазкур метавонад дар раванди пешгирии ғоратгарӣ ва интихоб намудани чораҳои мубориза ба он мусоидат намояд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ-ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили моликият, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо, криминология истифода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар бораи ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он инъикос менамоянд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

– аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд.

– ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Дар заминаи таҳқиқоти анҷомпазируфта чунин тавсияҳои илмӣ бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ғоратгарӣ масоили танзими ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва муқовимат бо он манзур карда мешаванд:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки барои такмил додани м. 248 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда, ба монандӣ, ғоратгарии молу мулки шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарор дошта муқаррар карда шавад, зеро аз ин сабаб имконияти онҳо барои ҳифз намудани моликияти худ маҳдуд буда, чунин ҳолат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ғоратгариро зиёд мегардонад.

2. Баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» хориҷ карда шуда, он дар фасли алоҳида бо номи

«Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» бо ҷудо намудани ду боби нав (боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқаманданд» ва боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият бе аломатҳои тасарруф») мустаҳкам карда шавад.

3. Ба андешаи мо ба сифати аломати вазнинкунанда нигоҳ доштани содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок шубҳаовар мебошад. Зеро ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят бояд ҳолатҳое эътироф шаванд, ки кирдорро тавсиф медиҳанд, ё дар як вақт ҳам ба ҷиноят ва ҳам ба шахсият тааллуқ доранд. Ҳолатҳое, ки танҳо ба шахсияти гунаҳкор марбут мебошад, на бояд ба сифати аломати вазнинкунанда баромад намояд. Ғайр аз ин чӣ тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ишора мешавад, ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят нишон додани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок ба принсипи адолат мухолифат менамояд, чунки шахс бо назардошти ҷинояти қаблан содирнамудааш, ки аллакай барои он ҷазоро адо намудааст, боз дуюмбора сазовори ҷазои вазнинтар мегардад, ҳол он ки мувофиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «ҳеҷ касро касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бо назардошти ин пешниҳод менамоем, ки содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят на фақат аз м. 248 КҶ ҶТ балки аз дигар ҷиноятҳо низ хориҷ карда шавад.

4. Мутобиқи қ. 4 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ баробарии ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият вобаста ба м. 12 Конститутсияи ҶТ чандон риоя нашудааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ (ғайр аз ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ) дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд. Бинобар он, пешниҳод мешавад, ки қ. 4 Эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ новобаста аз андозаи молу мулки тасарруфшуда, муқаррар карда шавад.

5. Пешниҳод менамоем, бо мақсади риоя шудани принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ қ. 2 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (андозаи ҷиддӣ, калон ва махсусан калон), аз ҷониби қонунгузор мушаххасан вобаста ба андозаи муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳо, муқаррар карда шавад. Зеро муайян намудани андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) танҳо аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида,

бе назардошти муносибати руҳии шахс ба чунин зарар, амалан гунаҳкории объективиро ифода менамояд, ки ба принсипи гунаҳкорӣ (қ. 3 м. 7 КҶ ҶТ) мухолифат мекунад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки чунин аломати вазнинкунандаи ғоратгарӣ, ба монандӣ, содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок аз б «г» қ. 3, б «а» қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад, зеро он ба чунин талаботи принсипи адолат «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест» (қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ), мухолифат менамояд.

7. Бо мақсади дуруст фарқгузорӣ карда шудани ғоратгарӣ вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ пешниҳод мегардад, ки аломати содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи мутташаккил, ки дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст, дар қ. 4 м. 248 КҶ ҶТ ҷойгир карда шавад, зеро дар таҳрири ҷойдошта он назар ба содир намудани ғораттарӣ ба миқдори махсусан калон ё дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок камтар ҷазо дода мешавад.

8. Ҳам аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва ҳам бо аломати вазнинкунандаи такроран банду баст намудани ҷиноятҳо дар мавриди ҷой доштани такрории хелӣ боиси халалдор гаштани принсипи адолат мегардад. Зеро ҳамон як кирдори содир намудаи шахс ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин намудани ҷазо ду бор ба ҳисоб гирифта мешавад, ҳол он ки мутобиқи қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ «Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки б. 3. эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳангоми аз ҷониби шахс содир гардидани шаклҳои гуногуни тасарруф кирдор аз рӯйи танҳо маҷмуи ҷиноятҳо банду баст карда шавад.

9. Дараҷаи хавфнокии тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайриқонунӣ дохил шудан ба бино ё дигар амборхона гуногун мебошад. Бинобар он ба мақсад мувофиқ аст, ки бо назардошти ин ҳолатҳо ҷавобгариро барои содир намудани тасарруф бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба объектҳои мазкур фарқгузорӣ карда шавад. Бо ин мақсад ғоратгарӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил аз б «д» қ. 2 м. 248 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 248 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои

конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба горатгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 18-уми феврали соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда, муовини раиси**
**Шурои диссертатсионӣ, доктори**
**илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**

**18-уми феврали соли 2023**